**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№2**

**аз 25 июни соли 2012** **шаҳри Душанбе**

# Дар бораи баъзе масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ оид ба рӯёнидани товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда

Бо мақсади таъмини дурусту якхелаи татбиқи меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро кафолат медиҳанд ва дар таҷриба ба миён омадани масъалаҳо ҷиҳати татбиқи қонунгузорӣ дар бораи рӯёнидани товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

## ҚАРОР КАРД:

1. Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба зарурияти риояи дақиқи қонунгузорӣ оид ба рӯёнидани товони зарари моддии бо ҷиноят расонидашуда ҷалб карда шаванд.

Мутобиқи талаботи моддаи 32-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.

Яке аз роҳҳои баамалбарории ҳуқуқи рӯёнидани товони зарари молумулкии бо ҷиноят расонидашуда, ин пешниҳод намудани даъвои граждани дар парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баррасии судӣ мебошад.

2. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) ҳангоми ҳалли масъала дар бораи ҷой доштани ҷиноят ва гунаҳгории шахс дар ҷиноят, ҳамзамон баррасии даъвои граждаииро пешбинӣ менамояд.

Аз ин рӯ, мутобиқи талаботи моддаи 44-и КМҶ даъвогари гражданӣ шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқие эътироф карда мешавад, ки ба ӯ дар натиҷаи содир шудани ҷиноят зарари молумулкӣ расонида шуда, оид ба рӯёнидани он даъво пешниҳод кардааст. Даъвогари гражданӣ оид ба рӯёнидани товони зарари маънавӣ низ метавонад даъвои гражданӣ пешниҳод намояд.

Дар бораи эътироф кардани даъвогари гражданӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор қарор қабул мекунанд ва суд таъинот мебарорад.

Барои ҳимояи манфиатҳои ноболиғон, инчунин шахсоне, ки бо тартиби муқарраргардида ғайриқобили амал эътироф шудаанд, даъвои гражданӣ аз тарафи намояндагони қонунии онҳо метавонад пешниҳод гардад.

Даъвогар ҳангоми пешниҳоди даъвои гражданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ аз супоридани боҷи давлатӣ озод карда мешавад. Дар сурати қонеъ гардонидани даъво боҷи давлатӣ аз ҷавобгар, ҷавобгарон ситонида мешавад.

Агар бо парванда якчанд шахс гунаҳгор дониста, зарари расонидаи онҳо бо тариқи муштарак ситонида шавад, он гоҳ боҷи давлатӣ низ аз маҳкумшудагон бо тартиби муштарак рӯёнида мешавад.

3. Тобеияти судии даъвои гражданӣ, ки аз парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, тибқи тобеияти судии парвандаи ҷиноятӣ, ки бо он даъвои гражданӣ пешниҳод гардидааст, муайян карда мешавад.

Муносибатҳои мурофиавие, ки аз даъвои гражданӣ бармеоянд, агар бо меъёрҳои КМҶ танзим нашуда бошанд, меъёрҳои қонунгузории мурофиавии гражданӣ истифода бурда мешаванд (моддаи 126-и КМҶ).

4. Ҳангоми тасарруф, зарар расонидан ва ё несту нобуд кардани ашёҳои қиматнок, ки дар асоси қонун дар соҳибии шахс (борбаранда, кироягир, посбон ва ғайраҳо) мебошад, молик ё соҳибе, ки молики ашёҳои қиматнок набошад ҳам метавонанд ба суд даъвои гражданӣ пешниҳод намоянд.

Дар ҳолате, ки дар натиҷаи ҷиноят ҷабрдида вафот карда бошад шахсони дар моддаҳои 1104, 1110-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КГ) нишондодашуда ҳуқуқи пешниҳоди даъво оид ба ситонидани зарарро бо сабаби маҳрум шудан аз саробон, инчунин барои дафни ҷабрдида хароҷот кардаанд, доранд.

Агар ноболиғ бо ҳаракатҳои ҷиноятии худ зарари молумулкӣ расонида бошад, падару модар, васӣ, парастор ва дигар шахсон, инчунин муассиса, корхона, ташкилот, ки тибқи қонун барои зарари аз ҷиноят расонидашуда масъулияти molӣ доранд, мутобиқи талаботи моддаҳои 54-55-и КМҶ ба сифати ҷавобгари гражданӣ ҷалб карда шуда, дар сурати мавҷуд будани шартҳои дар қонун пешбинишуда ба онҳо ҷавобгарии молумулкӣ вогузор карда мешавад.

5. Бояд дарназар дошт, ки шахсе, ки аз ҷиноят ё кирдори бо Кодекси ҷиноятӣ манъгардидаи шахси номукаллаф зарар дидааст ё намояндаи ӯ ҳуқуқ доранд аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ то оғози тафтиши судӣ даъвои гражданӣ арз кунад. Агар шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ даъвои гражданӣ арз накарда бошад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя ба ӯ ҳуқуқи пешниҳод намудани даъворо бо тартиби мурофиаи гражданӣ мефаҳмонанд.

6. Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳабси молу мулк чораи маҷбурии мурофиавӣ буда, аз номнависи молу мулк ва ба молик ё соҳиби он манъ кардани ихтиёрдорӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ истифода бурдани ин молу мулк иборат аст.

Барои таъмини даъвои гражданӣ ё эҳтимоли мусодираи молу мулк, мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо ризои прокурор дар бораи ҳабси молу мулки гумонбаршуда, айбдоршаванда ё шахсоне, ки мувофиқи қонун барои кирдорашон аз ҷиҳати моддӣ ҷавобгаранд, ба суд дархост менамояд. Судя дар бораи ҳабси молу мулк қарор мебарорад (моддаи 116 КМҶ).

Ҳангоми ба суд ворид шудани парвандаи ҷиноятӣ судя тибқи сархати 6-и қисми 1 моддаи 262 КМҶ бояд муайян намояд, ки ҷиҳати таъмини рӯёнидани товони зарар, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят расонида шудааст ва эҳтимоли мусодираи молу мулк чора андешида шудааст ё не.

Дар сурати аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор наандешидани чорае, ки рӯёнидани товони зарари бо ҷиноят расонидашуда ва эҳтимоли мусодираи молу мулкро таъмин менамояд, судя бо қарори худ мақомоти тафтишотро вазифадор мекунад, ки чораҳои зарури таъминотӣ андешанд.

7. Ҳангоми муайян намудани арзиши зарари расонидашуда, бояд талаботи сархати 3 қисми 4 моддаи 13-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» ба назар гирифта шавад, яъне ҳангоми ошкор гардидани тасарруф, қасдан несту нобуд ва ё қасдан вайрон намудани арзишҳои моддӣ, ҳаҷми зарари расонидашудаи шахси гунаҳгор аз рӯи нархҳои дар вақти ошкоршавӣ амалкунанда (на пастар аз қимати харид) сарфи назар аз мӯҳлати дохилшавии арзишҳо ба ҳисоби шахси масъули моддӣ, муайян карда мешавад.

Агар дар маводи парвандаи ҷиноятӣ маълумот дар бораи масрафҳои воқеӣ барои дастрас намудани молу мулк ё хароҷот баҳри истеҳсоли он бо назардошти фарсудашавии ашё мавҷуд набошад, арзиши молу мулк дар асоси хулосаи экспертҳо муайян карда мешавад.

Дар сурате, ки моликият аз нархи муайяншудааш зиёдтар фурӯхта шуда бошад, фарқияти маблағи он аз шахси гунаҳгор ҳамчун дороии беасос ба фоидаи давлат рӯёнида мешавад.

8. Агар зарар бо ҳаракатҳои якҷояи судшаванда ва шахсони дигар, ки нисбати онҳо пешбурди парванда бо дастрасии сархатҳои 3,4,7 қисми 1-и моддаи 27 ва моддаҳои 31, 32-и КМҶ қатъ шудааст, расонида шуда бошад суд, судя ба зиммаи судшаванда ӯҳдадории барқарор кардани зарари молумулкиро дар ҳаҷми пурра вогузошта, ба маҳкумшуда нисбати шахсоне, ки парванда дар ҳаққи онҳо қатъ карда шудааст ҳуқуқи пешниҳоди даъвои мутақобилаи (регрессӣ)-ро оиди рӯёнидани зарар фаҳмонида медиҳад.

Ҳамзамон, агар зарари молумулкӣ аз тарафи судшаванда якҷоя бо дигар шахс расонида шуда бошад, ки нисбати охирин маводи парванда ба пешбурди алоҳида ҷудо шудааст, суд, судя пардохти пурраи зарари расонидашударо танҳо ба ӯҳдаи судшаванда вогузор менамояд. Ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунӣ нисбати шахсе, ки маводи парванда ба пешбурди алоҳида ҷудо шуда буд, суд, судя ҳуқуқ дорад товони зарари расонидаро аз ӯ ва шахси пештар маҳкумшуда рӯёнад.

9. Ҷавобгарии муштаракро оид ба пардохти зарар шахсоне, ки бо ҳаракатҳои ҷиноятии якҷоя расонидаанд, ба ӯҳда доранд. Дар ин маврид суд, судяҳо бояд ҳолатҳои зеринро ба инобат гиранд:

-ҳангоми содир кардани ҷиноят аз ҷониби якчанд шахсон, онҳо ҷавобгарии муштаракро барои расонидани зарар аз рӯи ҳамаи лаҳзаҳои ҷиноят ба ӯҳда доранд, агар иштироки якҷояи гунаҳгоронаи онҳо муайян карда шавад;

-ҷавобгарии моддии муштарак ба шахсоне, ки гарчанде бо як парванда, вале ҳар яки онҳо барои содир намудани ҷинояти алоҳида, ки мақсади ягона надоштанд, маҳкум шуда бошанд вогузошта намешавад. Инчунин, ба шахсоне, ки яке аз онҳо барои содир намудани ҷинояти ғаразнок масалан, тасарруф, дигаре барои хунукназарӣ, гарчанде ҳаракати охирон ба тариқи объективӣ барои содир кардани ҷинояти якум мусоидат карда бошад ҳам, ҷавобгарии моддии муштарак вогузошта намешавад;

-дар ҳолати расонидани зарар ба корхона, муассиса, ташкилот бо гуноҳи якчанд коргарон ё коргар ва дигар шахсоне, ки дар муносибати меҳнатӣ бо онҳо қарор надоранд, суд, судя ҳуқуқ дорад ба зиммаи судшавандаҳо ҷавобгарии муштаракро вогузорад, агар муайян гардад, ки зарар бо ҳаракати якҷояи қасдонаи онҳо расонида шудааст;

- шахси воқеӣ ва шахси ҳуқуқие, ки тибқи қонун барои зарари аз ҷиноят расида масъулияти молӣ доранд, барои кирдори маҳкумшуда зарари молумулкиро на ба тариқи муштарак, балки бо тартиби ҳиссагӣ пардохт мекунанд.

Ба суд, судяҳо тавзеҳот дода шавад, ки гарчанде зарар бо ҳаракатҳои якҷоя расонида шуда бошад ҳам суд, судя ҳуқуқ дорад судшавандаҳоро ӯҳдадор намоянд, ки зарарро на бо тартиби муштарак, балки бо тартиби ҳиссагӣ пардохт намоянд, агар тартиби пардохткунӣ ба манфиати даъвогар бошаду рӯёниши зарарро таъмин карда тавонад.

Суд дар бораи рӯёнидани зарар, ки аз ҷониби якчанд шахс расонида шудааст қарор қабул карда, бояд дар қисми хулосавии ҳукм ба кадоме аз судшавандаҳо ҷавобгарии муштарак ва ба кадоме аз онҳо ҷавобгарии ҳиссагӣ, маблағи зарар дар кадом ҳаҷм ва ба фоидаи кӣ ситонида мешавад, дарҷ намояд.

10. Суд, судяҳо бояд дарназар дошта бошанд, ки ҳангоми ҳалли масъалаи рӯёнидани зарари молумулкӣ бо ҷиноятҳое, ки шахс онҳоро ҳангоми идора кардани воситаҳои нақлиёте, ки ба ташкилоти давлатӣ ва ё ҷамъиятӣ тааллуқ доранд (манбаи ба атрофиён хатари калон дошта) содир карда бошанд, зарар аз ҳисоби ташкилотҳо рӯёнида мешавад. Ҳамзамон, суд, судяҳо ба ҷавобгар мефаҳмонанд, ки ҳуқуқ дорад нисбати шахси гунаҳгор мутобиқи талаботи моддаи 1096-и КГ бо даъвои мутақобила (регрессӣ) бо тартиби мурофиаи гражданӣ ба суд муроҷиат намояд.

11. Ҷавобгарии пурраи моддии кормандон барои зараре, ки бо роҳи барқасдона расонидани зиён дар натиҷаи амали ҷинояткоронаи корманд ба корхонаҳо, муассисаю ташкилот расонидаанд ва онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор доранд, мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо ҷуброн карда мешавад.

12. Ҳангоми баррасӣ бо тартиби мурофиаи гражданӣ, даъвое, ки аз парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, суд бо назардошти далелҳои дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷудбуда, инчунин далелҳои

иловагии аз ҷониби тарафҳо пешниҳодшуда ва ҷамъовардашуда маблағи зарари ситонидашавандаро муайян мекунад.

13. Суд, судя ҳангоми қабули қарор аз рӯи даъвои гражданӣ дар парвандаи ҷиноятӣ бояд муқаррароте, ки аз моддаи 133-и КМҶ бармеояд, риоя намояд.

Тибқи талаботи моддаи 335-и КМҶ суд, судя дар хонаи машваратӣ ҳангоми баровардани ҳукм бояд масъалаҳои қобили қонеъгардонӣ будан ё набудани даъвои гражданӣ, ба манфиати кӣ арз шудани даъво, агар даъвои гражданӣ арз нашуда бошад, ситонидан ё наситонидани товони зарари молумулкӣ, инчунин минбаъд чӣ чора андешиданро бо молу мулке, ки барои таъмини даъвои гражданӣ ё эҳтимоли мусодира таҳти ҳабс қарор дода шудааст, ҳал намояд.

Ҳамзамон, бояд дарназар дошт, ки тибқи талаботи қисми 3 моддаи 64-и Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ) ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ барои суди баррасикунандаи парванда оид ба оқибатҳои гражданию ҳуқуқии амали шахсе, ки нисбати ӯ ҳукми судӣ дар хусуси оё чунин амалҳо ҷой доштанд ва ё онҳоро ҳамин шахс содир намудааст, бароварда шудааст, ҳатмӣ мебошад.

Ҳангоми ҳал кардани даъвои гражданӣ суд, судя дар қисми баёнию асосноккунии ҳукм, далелҳое, ки хулосаи суд оид ба ин ҳолатҳо асос ёфтаанд, зарар бо кадом ҳаракат ва ё беҳаракатӣ расонида шуда, он бо кадом далелҳо исбот мегардад, дар бораи пурра ё қисман қонеъгардонии даъво ва ё рад кардани он, андозаи зарари бо ҷиноят расонидашуда, инчунин ҳисоби ҳаҷми зарари молумулкӣ ва қонуне, ки суд ба роҳбарӣ гирифтааст, бояд дарҷ намояд.

Агар ҳангоми баррасии даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ доир ба даъво қарор қабул гардида ё баррасии парванда бинобар даст кашидани даъвогар аз даъво ё тасдиқи созиши оштии тарафҳо қатъ шуда бошад, он гоҳ судя тибқи талаботи банди 3 қисми 1 моддаи 137-и КМГ қабули аризаи даъвогиро вобаста ба баҳси байни ҳамин тарафҳо, дар ҳамон мавзӯъ, тибқи ҳамон асосҳо рад менамояд.

Агар суд, судяҳо муайян намоянд, ки моликияти якҷояи зану шавҳар аз ҳисоби маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда харидорӣ шудаанд, дар ин бора далелҳои мушаххас оварда, онҳоро бояд дар ҳукм нишон диҳанд, то ин ки ба ин гуна молу мулк рӯёниш нигаронида шавад.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 46-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар бо хукми суд муқаррар гардад, ки молу мулки дар моликияти муштараки зану шавҳар қарордошта аз маблағи бо роҳи ҷиноят бадастовардашудаи зан ё шавҳар харида шудааст, маблағ мутаносибан аз молу мулки умумии зану шавҳар ё аз як қисми он ситонида мешавад.

14. Ҳангоми бо тартиби кассатсионӣ ва ё назоратӣ баррасӣ намудани парванда, суд ҳуқуқ дорад дар ҳукм оиди рӯёнидани зарари молумулкӣ тағйирот ворид намояд, ба шарте, ки ҳаҷми он ба бандубасти ҷиноят таъсир расонида, вазъи маҳкумшударо бадтар насозад, агар бо парванда ҷамъ овардани далелҳои иловагӣ ва санҷиши онҳо зарурат надошта, ҳолатҳои парванда дар қисми рӯёнидани зарар аз тарафи суди марҳилаи якум пурра ва дуруст муайян гардида, вале дар вақти қабули меъёрҳои моддӣ саҳв шуда бошад.

Дар ҳолате, ки тағйир додани андозаи зарари молумулкӣ ба банду басти кирдори ҷиноятӣ ва ё ҳаҷми айби эълоншуда таъсир расонида, вазъи маҳкумшударо бадтар намояд ва агар бо ин асосҳо эътирози прокурор ва ё шикояти ҷабрдида пешниҳод шуда бошад, он гоҳ ҳукми суд бекор, парванда барои баррасии нав ирсол карда мешавад.

15. Дар ҳолати бекор кардани ҳукм ва ба баррасии нав ирсол намудани парванда нисбати шахс (шахсон)-е, ки бо маҳкумшудагони дигар ҷавобгарии муштараки молумулкӣ доранд, ҳамаи маблағи зарари рӯёнидашаванда ба зиммаи маҳкумшудагоне, ки ҳукм нисбати онҳо бекор карда нашудааст, вогузор карда мешавад.

Зимни баррасии нави парванда, ки ҳукми айбдоркунӣ бароварда мешавад, мумкин аст ба судшаванда ӯҳдадории ҷуброни товони зарари молумулкӣ бо тартиби муштарак бо шахсоне, ки қаблан барои ин ҷиноят маҳкум шуда буданд вогузошта шавад.

16. Дар сурати аз ҷониби суд қонеъ гардонидани даъвои гражданӣ ҳукм, инчунин таъинот дар бораи татбиқи чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар қисми даъвои гражданӣ бо

тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» амалӣ карда мешавад.

17. Агар маҳкумшуда ӯҳдадор карда шуда бошад, ки зарари расонидаашро талофӣ намояд ва инчунин нисбати ӯ мусодираи молу мулк таъин гардида бошад, дар навбати аввал рӯёнидани зарар аз ҳисоби молу мулки мусодирашудаи маҳкумшуда ба фоидаи ҷабрдида нигаронида мешавад.

18. Мутобиқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 35-и КМҶ, агар ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ риоя накардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, инчунин риоя накардани муқаррароти қонун, ки зимни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, баррасии судӣ ошкор карда мешаванд, суд, судя ҳуқуқ доранд нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти (қарори) хусусӣ бароранд.

Суд, судя ҳуқуқ доранд дар дигар ҳолатҳо низ таъиноти (қарори) хусусӣ бароранд.

19. Бо қабули Қарори мазкур, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №2 аз 4 июли соли 1988 «Дар бораи аз ҷониби судҳои РСС Тоҷикистон татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳо дар бораи рӯёнидани зарари моддӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**